**ПРОТОКОЛИ №16**

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

8 сентябри соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи **Султонов Муҳамадато Исоевич** дар мавзуи **««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, д.и.ф. Азимов А.Х. ва аъзои комиссия, д.и.ф. Бозорзода Н.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Салимзода Олимҷон** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи медиакоммуникатсияи факултети филологияи Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Расулзода Комрон Бахтиёр** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимояи такрорӣ, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи такрорӣ 18-уми ноябри соли 2026, соати 13 $^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.